# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи “Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг-шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Дар рисолаи пешниҳодшуда муаллиф қайд менамояд, ки масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки аз он ҳалли мушкилоти ташаккули инсони комил вобастагии зич дорад. Бинобар ин, зарурияти муҳимми такмили системаи тарбияи эстетикӣ ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани мазмун, шакл, методҳо ва воситаҳои таъсиррасонии он ба вуҷуд омадааст.

Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки шароитҳои педагогӣ ва имкониятҳои воқеии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ, бахусус, ҷавонон, заминаи моддӣ-техникии соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароити имрӯза ба таври бояду шояд истифода бурда намешавад, ки вазъи корҳои беруназаудиторӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботҳои маънавию эстетикии тарбиятгирандагонро ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори онҳо гаштааст.

Ба ақидаи муаллифи рисола, ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи заминаҳои эстетикии ҳаёти маънавӣ, боло бардоштани завқи эстетикии онҳо таъмин карда наметавонад. Инчунин, ба ғайр аз ин, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии нерӯҳои ниҳодҳои мухталифи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва технологияҳои муосир дар кори тарғиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва боз

дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст.

Аз ин лиҳоз, қайд кардан зарур аст, ки ҳалли ин ҳама вазифаҳо ҷиҳати боло бардоштани шуури эстетикӣ, истифодаи анъанаҳои бадеии халқ, ҷалби онҳо ба фаъолияти бадеӣ-эҷодӣ, таъмини неру ва рушди қобилиятҳои эҷодии ҷавонон ва аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Фикрҳои дар боло овардаи муаллифи рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки номувофиқатии иҷтимоӣ байни талаботи ҷомеа доир ба масъалаҳои дар заминаи принсипи ҳамгироӣ ба роҳ мондани тарбияи эстетикии донишҷӯён ва номувофиқатии назария ба амалия дар системаи корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар самти ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён боиси интихоби мавзуи зерин гардидааст

Ҳамин тавр, дар асоси далелҳои дар боло овардаи муаллиф қайд кардан лозим аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи “Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг-шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён” ба муаммои хеле муҳим ва мубрами илмҳои педагогикаи муосир бахшида шуда, дорои аҳаммияти назаррраси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ хеле хуб дарак мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмӣ, мақсад, вазифа, объект, предмет, фарзия, вазифаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, санҷишҳои дурустии натиҷаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда дақиқ баррасӣ гардида, мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок ва дастгоҳи илмии автореферати диссертатсия тарҳрезӣ гардидааст.

Рисолаи Усмонов З.Ҷ. дар мавзуи “Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг- шарти мукаммалгардонии таашаккули фарҳанги

зебоипарастии донишҷӯён” аз муқаддима, ду боб, хулоса, адабиѐти истифодашуда иборат аст.

Дар боби якуми рисола «Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ» муаллиф қайд мекунад, ки масъалаҳои ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас ва умуман, тарбияи эстетикии муҳассилин дар низоми таҳсилот ва фаъолияти иҷтимо-фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар маҷмуъ, дар ин боб аз мавқеи илмҳои педагогӣ, хусусиятҳои тарбияи эстетикии донишҷӯён мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, вазъияти корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷумҳурӣ таҳқиқ ва проблемаи ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг, шароитҳо ва роҳу усулҳои беҳсозии онҳо дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ муқаррар гардида, хеле хуб натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар фасли аввали боби якум, ки «Омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар педагогика» номгузорӣ шудааст, омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар доираи асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки таҳқиқотҳои арзишмандеро анҷом доданд, инъикоси худро ѐфтааст.

Дар фасли дуюми боби якум - «Хусусиятҳои ҳамкории мазмунӣ-технологии коллеҷҳо бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» зикр мегардад, ки дар робита бо таҳқиқоти муаллиф зери мафҳуми ташаккули фарҳанги эстетикӣ тамоми намуди фаъолияти инсонӣ бо андозаи муайян, ҳамчун маърифат эстетикӣ ва фаъолияти эстетикӣ ва ҷалбшавии шахс, густариш ва ташаккули эстетикӣ фаҳмида шуда, арзишҳои шахсият марбут ба фаъолияти ӯ дониста мешавад.

Фасли сеюми боби якум - «Механизмҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ба масъалаҳои дарёфти роҳҳои нави тарбияи эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг бахшида шудааст.

Дар боби дувуми рисола, ки «Шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг - шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» номгузорӣ шудааст, аз тарафи муаллифи рисола бо истифода аз усулҳои таҳқиқотӣ ҳамкории функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дараҷаи азхудкунии арзишҳои эстетикӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эҷодиву бадеӣ таҳқиқ гардида, имкониятҳои педагогии мукаммалгардонии фаъолияти онҳо дар ин самт муқаррар гардидааст. Инчунин, барномаи педагогӣ таҳия ва механизмҳои амалӣ гардонидани он муайян ва аз тариқи озмоиш самаранокии он мавриди санҷиш ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Дар фасли якуми ин боб - «Роҳҳои мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг ҳар рушди эстетикии донишҷӯён» муаллиф таъкид менамояд, ки озмоиши ҷустуҷӯӣ-таҳққиқотӣ имкон додааст, ки вазъи воқеии фаъолияти якҷоя ва ҳамгироии муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва ҷомеа дар тарбияи эстетикӣ муайян карда шавад.

Дар фасли дуюм - «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг оид ба мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён (ҷамъбасти натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ)» дар асоси таҳлили муқоисавии ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар зинаи таҳқиқоти ташаккулёбанда масъалаҳои мукаммалгардонии ду ниҳоди муҳимми тарбияи эстетикӣ - коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг баррасӣ шуда, радабандии (типология)-и донишҷӯён ҷиҳати беҳтар намудани тавсеаи маърифати эстетикӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти эҷодӣ дар шароити шаҳрҳои аҳолиашон камшумор таҳия ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия аз тарафи муаллифи рисола босаводона, бо забони илмӣ ва фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пай дар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада ифодагари

онанд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдаасг.

Инчунин, ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз расмҳо, диаграмма ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ исгифода намудааст.

Мундарича ва мазмуни асосии рисолаи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар автореферати диссертатсия дар шаклҳо бо забонҳои русию тоҷикӣ хеле хуб инъикоси худро ёфтааст.

Дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар доираи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 7 номгӯи интишорот ба чоп расидааст, ки аз ин теъдод 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва ё тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия ба табъ расидаанд.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, ки ин ҳама аз қобилияти хуби илмофарӣ муҳаққиқ дарак медиҳанд.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферати кор аз камбудӣ низ холӣ нест, ки зикри он барои такмили минбаъдаи он аз манфиат холи нахоҳад буд

Мутаассифона, дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ шуданашон ба манфиати кор мебуд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудӣ ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии авторефератро коста намегардонанд.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва методикаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ саҳмгузор аст.

Дар асоси автореферати пешниҳодгардида чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг-шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯйи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА- и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"- ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ва пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз руйи ихтисоси13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимой (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ" (илмхои педағогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори кафедраи забони русии**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"** **У.Р.Юлдошев**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-30
МДТ Донишгоҳи давлатии
тиббии Точикистон ба номи
Абуалӣ ибни Сино". Тел: 985296478.
umarjon1958@mail.ru

имзои/подпись У. Р. Юлдошев
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«04» 04 2025 с/г